Бо қарори Комиссияи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба ҳуқуқи кӯдак тасдиқ
гардидааст (протоколи №5 аз 19
июли соли 2017)

# НИЗОМНОМАИ
## намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (минбаъд – Низомномаи мазкур) асосҳои умумии ташкилии фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро муқаррар менамояд.

2. Низомномаи мазкур дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2017, №835 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия шудааст.

3. Комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (минбаъд – комиссияҳои ҷамъиятӣ) мақоми ҳамоҳангсози ҷамъиятӣ буда, барои амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар сатҳи маҳал мусоидат менамоянд.

4. Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар ҳамаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ таъсис дода шуда, фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2017, №835 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ мегардонанд.

5. Дар асос ва тибқи Низомномаи мазкур комиссияҳои ҷамъиятӣ бояд низомномаҳои мушаххаси худро таҳия намоянд.

## 2. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ҲАЙАТИ КОМИССИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

6. Комиссияҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ таъсис дода шуда, низомнома ва ҳайати онҳо тасдиқ карда мешавад. Шумораи умумии аъзои комиссияи ҷамъиятӣ набояд аз 7 нафар кам бошад.

7. Ба ҳайати комиссияҳои ҷамъиятӣ раис, муовини раис, котиби масъул ва дигар аъзои комиссия дохил мешаванд, ки онҳо дар фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ дар асосҳои ҷамъиятӣ ва ройгон иштирок менамоянд.

8. Фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятиро раис роҳбарӣ ва назорат менамояд. Раисии комиссияи ҷамъиятӣ ба зиммаи роҳбарон ва ё муовинони роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ гузошта мешавад. Ҳангоми набудани раис комиссияи ҷамъиятиро муовини раис роҳбарӣ менамояд.

9. Ба узвияти комиссияҳои ҷамъиятӣ шахсоне шомил мегарданд, ки таҷрибаи корӣ бо оила ва кӯдаконро доранд, омӯзгорони собиқадор ва ё шахсони обрӯманди маҳалли дахлдор мебошанд. Ҳамчунин ба фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вакилони маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, ходимони динӣ ва шаҳрвандони фаъол ҷалб карда мешаванд.

## 3. ВАЗИФА ВА ВАКОЛАТҲОИ КОМИССИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

10. Вазифаҳои комиссияҳои ҷамъиятӣ аз инҳо иборатанд:

- таблиғу ташвиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;
- таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ вобаста ба масъалаҳои масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд;
- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар шаклҳо мусоидат намудан ба амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».

11. Ваколатҳои комиссияҳои ҷамъиятӣ:

- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият вобаста ба татбиқи самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;
- пешниҳод намудани маълумот ба мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса, ташкилотҳо ва шахсони манфиатдор вобаста ба самтҳои

фаъолият, дар мавриди зарурӣ тибқи тартиби муқарраршуда ба даст овардани иттилоот аз онҳо;

- иштирок дар чорабиниҳои мухталиф вобаста ба масъалаҳои масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд;

- тибқи тартиби муқарраршуда мусоидат намудан барои тарбияи дурусти фарзанд дар рӯҳияи эҳтироми Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, арҷгузорӣ ба арзишҳои умумибашарӣ, миллӣ, забон, таърихи ниёгон, ба вуҷуд овардани ҳисси ватандорию ватанпарастӣ, масъулият дар назди давлату ҷамъият;

- истифодаи роҳу усулҳои мухталиф ҷиҳати ҳавасмандагардонии риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», аз ҷумла гузаронидани маҳфилҳо, озмунҳо, ташкили лавҳаҳои ифтихорӣ, сарфарозгардонӣ бо ифтихорномаҳо ва ғайра;

- гузаронидани таҳлилҳо вобаста ба вазъи амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва манзур намудани таклифҳо вобаста ба он;

- тибқи тартиби муқарраршуда мусоидат намудан дар муайянсозии сабабу шароитҳои вайронкунии муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва чораҷӯӣ ҷиҳати пешгирӣ ва бартарафсозии онҳо;

- тибқи тартиби муқарраршуда истифодаи чораҳои таъсиррасонии ҷамъиятӣ ба шахсоне, ки муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро вайрон кардаанд ва ё амалҳои онҳо боиси хавфи таълиму тарбияи нодурусти фарзандон мегардад;

- дар ҳолати ошкор намудани вайронкунии муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» тибқи тартиби муқарраршуда хабар додан ба мақомоти марбутаи давлатӣ;

- тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани дигар ваколатҳое, ки барои ноил шудан ба таъиноти фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ зарур мебошанд.

## 4. ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

12. Фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ тавассути гузаронидани ҷаласаҳо ва дар асоси нақшаҳои кории тасдиқшуда амалӣ карда мешавад. Ҷаласаҳои комиссия дар як моҳ як маротиба баргузор мегарданд. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҷаласаҳои ғайринавбатӣ даъват карда мешавад. Барои пурзӯр намудани таъсиррасонии ҷамъиятӣ комиссияҳои ҷамъиятӣ ҷаласаҳои сайёр мегузаронанд.

13. Ҷаласаҳои комиссияҳои ҷамъиятӣ дар ҳолати иштироки аз нисф зиёди аъзои он баргузор мегарданд. Ҷаласаҳо бо протокол ба расмият даровард шуда, ба онҳо раисикунандаи ҷаласа, котиби масъул ва аъзои дар ҷаласа ҳузурдошта имзо менамоянд.

14. Вобаста ба масъалаҳои дар ҷаласаҳо баррасишуда комиссияи ҷамъиятӣ қарор қабул менамояд. Қарори комиссияҳои ҷамъиятӣ бо аксарияти овози аъзои дар ҷаласа ҳузурдошта қабул карда мешавад. Ҳангоми баробарии овозҳо қароре қабулшуда ҳисобида мешавад, ки раисикунандаи ҷаласа ба тарафдории он овоз дода бошад.

15. Комиссияҳои ҷамъиятӣ ҳар семоҳа ба комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳисобот пешниҳод менамоянд.

16. Раисони комиссияҳои ҷамъиятӣ:

- фаъолияти комиссияро ташкил намуда, ҷаласаҳои комиссияро мегузаронад;
- вазифаҳоро байни аъзои комиссия тақсим менамояд;
- ба ҳуҷҷатҳои дахлдор имзо мегузорад;
- комиссияро намояндагӣ мекунад;
- тибқи тартиби муқарраршуда ҳангоми зарурат кормандони мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳоро бо розигии роҳбаронашон барои омодасозии масъалаҳои доираи ваколати комиссия ҷалб менамояд;
- мувофиқи тартиби муқарраргардида доир ба фаъолияти комиссия ҳисобот медиҳад.

17. Аъзои комиссияҳои ҷамъиятӣ:

- дар фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ иштирок мекунанд;
- вазифаҳои ба зимма гирифтаашонро иҷро мекунанд;
- вобаста ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ ва самаранокии амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таклифҳо пешниҳод мекунанд.

18. Котибони масъули комиссияҳои ҷамъиятӣ:

- ҳуҷҷатҳоро барои баррасӣ дар ҷаласаи комиссияҳои ҷамъиятӣ тайёр мекунад;
- бо супориши раиси комиссияҳои ҷамъиятӣ аъзои комиссияҳои ҷамъиятӣ ва дигар шахсони манфиатдорро ба ҷаласаҳо даъват менамояд;
- протоколҳои ҷаласаи гузаронидашударо ба расмият медарорад;
- иҷрои қарорҳо ва нақшаҳои кори комиссияҳои ҷамъиятиро назорат мекунад;
- масъули ҳуҷҷатгузории комиссия мебошад.

19. Таъминоти ташкилию техникии фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ тибқи тартиби муқарраршуда аз ҳисоби мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ ва дигар манбаъҳои манънакардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.